**Такриз**

ба автореферати диссертатсияи Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиклол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1- Таърих ва бостоншиносӣ: (6.1.1. – Таърихи ватанӣ)

Рисолаи докторин Каримзода Мусо Бобишо дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиклол (1991-2021)» ба яке аз соҳаҳои ҳаётан муҳим дар шароити муосир барои Тоҷикистони соҳибистиклол бахшида шудааст. Мубрамияти мавзуъ дар он зохир мегардад, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи баланд бардоштани соҳаи маориф, сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳониро яке аз самтҳои афзалиятнок муайян намудааст. Аз ин рӯ, барои самаранок амалӣ намудани ислоҳот дар ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Аз ҷумла, ислоҳоти куллии соҳаи маориф, ҳамоҳангсозии низоми миллии таҳсилотро ба стандартҳои ҷаҳонӣ тавассути гузариш ба низоми бисёрзинагии таҳсилот ва технологияи кредитии таълимро талаб менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои 1991-2021 дар Тоҷикистон дар шароити мураккаби сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоӣ амалӣ гардидааст. Аз як тараф, гузариш ба иктисоди бозорӣ, тағйири сохтори идоракунии давлатӣ ва таъсири равандҳои ҷаҳонӣ, аз ҷониби дигар, зарурати мутобиқ намудани низоми таълим ба талаботи нави ҷомеа ва бозори меҳнат, масъалаи таҷдиди куллии муассисаҳои таълимиро ба миён овард. Маҳз дар ҳамин давра, низоми маориф марҳилаҳои муҳимми тағйиротро аз муассисаҳои томактабӣ то таҳсилоти олӣ ва касбӣ аз сар гузаронд, ки дар таҷассуми пурраи худро ёфтааст.

Тавре дар автореферат омадааст, рисолаи докторӣ аз мукаддима, панҷ боб, ёздаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ғайр аз он, ҷадвалҳое, ки натиҷаҳои таҳкикотро исбот менамоянд, низ пешниҳод гардидааст.

Дар боби якум «Таърихнигории таърихии ислоҳоти соҳаи маорифи Тоҷикистони соҳибистиклол» ки ба таҳлили таърихнигории таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар солҳои истиклолият бахшида шудааст, муаллиф сарчшмаҳо ва адбиёти илмӣ ҳамзмон накши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро дар ислоҳот ва рушди соҳаи маорифи кишвар инъикос намудааст. Вокеан, кариб ҳамаи масъалаҳои

сохаи маориф ва ислоҳоту рушди он дар паёмҳо ва асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба сохаи маориф бахшида шудааст, инъикоси пурраи худро ёфтааст. Бояд гуфт, ки дар таҳқиқоти худ муаллиф нақши калидии Роҳбари давлатро дар такмил ва рушди сохаи маориф бо далелҳои раднопазир нишон медиҳад.

Дар боби дуюм муаллиф ба фаъолияти муассисаҳои томактабӣ дар шароити нави иқтисодию иҷтимоӣ таваҷҷуҳ дода, дар зербоби якум хусусиятҳои хоси муассисаҳои томактабӣ дар замони Истиқлол, шароити таълим ва тарбия дар асоси Барномаи нави томактабӣ нишон додааст. Дар зербоби дуюми боби якум, масъалаи ташаккул ва рушди муассисаҳои томактабии ғайридавлатӣ таҳлил шуда, муаллиф масъалаҳои мубрами фаъолияти муассисаҳои томактабӣ ғайридавлатиро баррасӣ намудааст.

Ҷолиби илмӣ-амалии боби сеюм, ки «Гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» номгузорӣ гардидааст, роҷеъ ба масъалаҳои гузариш ба низоми нав дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, вазъи ислоҳоти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар замони Истиқлол бо истифода аз маводҳои гуногун инъикос шудааст. Маъсалаи муҳими дигар дар ин боб, таъсис ва фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳо мебошад, ки ин асоси ислоҳоти соҳа мебошад. Дар ин боб муаллиф моҳирона фаъолияти муассисаҳои хусусӣ, литсейҳо ва гимназияҳоро мавриди таҳлил қарор додааст. Яке аз дастовардҳои илмӣ-амалӣ дар он зоҳир мегардад, ки докторант дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда ба ғайр аз дастовардҳо, камбудиҳоро низ ошкор намудааст.

Дар боби чорум «Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар шароити ислоҳоти сохаи маориф» рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар замони Истиқлол зери таҳлил қарор гирифтааст, ки дар он муаллиф ба душвориҳо ва норасоиҳои соҳа дар раванди ислоҳот дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Дар боби панҷум «Низоми фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар шароити ислоҳоти сохаи маориф» ва зербоби якум «Раванди ислоҳоти фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос дар Тоҷикистони соҳибистиклол», муаллиф доир ба муассисаҳои мазкур бо мисолҳои дақиқи оморӣ ва бойгонӣ таҳлили муфассалро ба риштаи таҳқиқ гузоштааст.

Дар хулоса муаллиф натиҷаҳои таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, андешаҳои худро оид ба ин мавзуъ ва барои боз ҳам самаранoктар амалӣ намудани ислоҳот дар сохаи маориф, тавсияҳои ҷолибро пешниҳод намудааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти Каримзода Мусо Бобишоро дар мавзуи «Таърихи ислоҳоти соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол (1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1- Таърих ва бостоншиносӣ; (6.1.1. – Таърихи ватанӣ) арзанда ҳисобидан мумкин аст ва муаллиф барои ноил шудан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих сазовор мебошад.

**Муовини аввали ректори Донишкадаи**
**инноватсионии Душанбе,**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор, узви вобастаи**
**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Шарифзода А.А.**

Маълумот барои тамос:
Суроға: ш. Душанбе, кучаи Баҳоуддинов 32-Б
телефон: (+992) 907772520
E-mail: abdufatoh@yahoo.co.uk

Имзои профессор А.А.Шарифзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи инноватсионии Душанбе Ниёзова А.А.